# Номаи дуюми Юҳанно

## Пешгуфтор

1-2 (1–2) Аз роҳбари ҷамоати имондорон ба хонуме,
ки Худо интихоб кардааст, ва фарзандони вай, ки ба
ростӣ дӯсташон медорам. Мо ҳарду ҳамон як ростиро
дӯст медорем, ки он дар мо ҳоло мебошад ва то абад
бо мо мемонад. На фақат ман шуморо дӯст медорам,
балки ҳамаи онҳое ҳам, ки ростиро мешиносанд.
3 Бигзор файзу раҳмат ва сулҳу осоиштагӣ аз ҷониби
Худо-Падар ва Исои Масеҳ*, Писари Падар бо мо†, ки
ростиро медонем ва якдигарро дӯст медорем, бошад.

### *Фармони аз аввалбудаи Худо*

4 Аз фаҳмидани он, ки баъзе фарзандони шумо
мувофиқи фармоиши Падар дар роҳи ростӣ зиндагӣ
мекунанд, бениҳоят хурсанд шудам. 5 Ҳоло ҳам,
хонуми мӯҳтарам, ба шумо на фармони нав, балки
ҳамонеро, ки аз аввал доштем, менависам ва хоҳиш
мекунам, ки ҳамаамон якдигарро дӯст дорем.
6 Муҳаббат бошад, дар ин аст, ки мо ба фармонҳои
Худо итоат намуда, зиндагӣ кунем. Фармони Ӯ
ҳамонест, ки аз аввал шунидаед, яъне бо роҳи
муҳаббат равед.

### *Аз фиребгарон эҳтиёт шудан*

* **1:3** Дар баъзе нусхаҳои қадими навиштаҷот «ва Худованд Исои Масеҳ» омадааст. † **1:3** Дар баъзе нусхаҳои қадими навиштаҷот «шумо» омадааст.

7 Дар ҷаҳон бисёр фиребгарон баромадаанд, ки дар
ҷисм омадани Исои Масеҳро‡ қабул намекунанд. Ин
хел одамон фиребгар ва душмани Масеҳ ҳастанд.
8 Эҳтиёт шавед, то чизеро, ки барояш заҳмат
кашидаем§, аз даст надиҳед. Баръакс ба мукофоти
пурра ноил гардед. 9 Ҳар кӣ таълимоти Масеҳро
иҷро намекунаду аз ҳадду ҳудуди он мебарояд бо
Худо нест. Аммо касе, ки дар ин таълимот мемонад,
ҳам бо Падар ва ҳам бо Писар мебошад. 10 Агар касе
пеши шумо ояду ин таълимотро наоварад, ӯро ба
хонаатон роҳ надиҳед ва қабул накунед. 11 Зеро
касе, ки ӯро қабул мекунад, шарики корҳои бади ӯ
мегардад.

12 Боз чизи зиёд ба шумо гуфтанӣ ҳастам, вале бар
ивази истифода бурдани коғазу ранг, умедворам, ки
шуморо хабар гирифта чашм ба чашм сӯҳбат кунем,
то ки шодиамон лабрез гардад.

13 Фарзандони хоҳари интихобшудаат салом
мегӯянд*.

---

‡ **1:7** Яҳудиён мунтазир буданд, ки Таъиншудаи Худо аз байни инсон мебарояд, вале Худо Писари худро ҳамчун Таъиншудаи худ фиристод. Ин Исои Масеҳ буд, ки гарчанде Худо буд, лекин ба замин инсон шуда омад. Барои бисёр касон ба ин бовар кардан мушкил буд, бинобар ин онҳо рад мекарданд, ки Худо ба ҷаҳон ба монанди инсон омадааст. § **1:8** Дар баъзе нусхаҳои қадими навиштаҷот «заҳмат кашидаед» омадааст. * **1:13** Дар баъзе нусхаҳои қадими навиштаҷот дар охири ҷумла «омин» омадааст.

# Хушхабар
# Portions of the Holy Bible in the Tajik language of Tajikistan
## Части Библии в таджикском языке Таджикистан

Copyright © 2010, 2014 Фонди «Калом»

Language: тоҷикӣ (Tajik)

This translation is made available to you under the terms of the Creative Commons Attribution-Noncommercial-No Derivatives license 4.0.
You may share and redistribute this Bible translation or extracts from it in any format, provided that:
You include the above copyright and source information.
You do not sell this work for a profit.
You do not change any of the words or punctuation of the Scriptures.
Pictures included with Scriptures and other documents on this site are licensed just for use with those Scriptures and documents. For other uses, please contact the respective copyright owners.

2014-04-02

PDF generated using Haiola and XeLaTeX on 11 Nov 2022 from source files dated 22 Nov 2019
1f8fe4f8-d37a-5948-a2bf-cc6be88e89cb